# Муовини Раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Саодатшо Матробиён: «Имло бояд миллӣ ва моли забони адабӣ бошад»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 21 Ноябр, 2019 - 11:24
[1]
ДУШАНБЕ, 21.11.2019 /АМИТ «Ховар»/.

*Дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» камбудиҳо, духӯрагиҳо ва возеҳу равшан набудани бисёр бандҳои он ба назар мерасанд. Бо назардошти ин, тавре хабар дода будем, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо намояндагони аҳли зиё, маориф, илм, адаб ва фарҳанги мамлакат 4 октябри соли 2019 ба мақомоти дахлдор супориш доданд, ки то моҳи январи соли 2020 лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро бо ислоҳи камбудиву мушкилоти ҷойдошта таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намоянд. Барои иҷрои ин супориш Гурӯҳи махсуси корӣ таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа академик Абдуҷаббор Раҳмонзода ба фаъолият пардохтааст.*

*Имло дар илми забоншиносӣ, дар рушду такомули худи забон ва умуман дар ҳаёти истифодабарандагони он чӣ аҳамият дорад? Вобаста ба ин мавзуъ муовини Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои филологӣ, дотсент Саодатшо МАТРОБИЁН дар суҳбат бо хабарнигори АМИТ «Ховар» Мавҷуда АНВАРӢ чунин изҳори назар намуд.*

Имло танзимкунандаи шакли хаттии забони адабӣ буда, меъёри асосии муайянкунандаи навишти калимаҳо ва талаффузи калимаҳо маҳсуб меёбад ва чун муҳофизи забон хизмат мекунад. Агар ғалате дар хат пайдо шавад, он бо мурури замон ба гуфтор таъсири худро расонида, ба инкишофи минбаъдаи забон халал бунёд хоҳад кард. Аз ин рӯ, меъёрҳое, ки барои имло тарҳрезӣ мешаванд, чун гил ва сангрезаҳое ҳастанд, ки хиштҳои бунёди забонро мустаҳкам нигоҳ медоранд.

Бунёди қоидаҳои имлоро се меъёри асосӣ: морфологӣ, фонетикӣ ва таърихӣ (анъанавӣ) ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин меъёрҳо, баъзан аз меъёрҳои фонематикӣ ва дифференсиалӣ (фарққунанда) низ истифода мешавад.

Меъёри морфологӣ якнавохт навиштани вожаҳо ва ҳиссаҳои нутқро талаб мекунад ва ҳамзамон қоидаҳои навишти вожаҳои решагӣ, пешвандҳо, пасвандҳо ва бандакҳоро танзим мекунад, ҷудо, якҷоя ё бо нимтире навиштани калимаҳоро муайян мекунад. Имлои мукаммал ҳамон имлое маҳсуб меёбад, ки бар пояи меъёрҳои морфологӣ асос ёфтааст.

Меъёри фонетикӣ мувофиқати овозро бо шакли графикии калима муайян мекунад, ки меъёри бисёр мушкили қоидаҳои имло буда, он на барои ҳар забон истифода мешавад. Агар танҳо аз рӯйи меъёри фонетикӣ амал кунем, якнавохтӣ дар навишт ғайриимкон мегардад.

Меъёри таърихӣ (анъанавӣ) навишти қадимиро асос гирифта, талаб мекунад, ки чӣ гуна дар гузашта вожаҳо навишта мешуданд, имрӯз низ бояд ҳамон тавр навишта шаванд (ин меъёр дар имлои забони англисӣ фаровон истифода мешавад).

Меъёри фонематикӣ, ки ҷиҳати баргардони овозҳои мушаххасро дар фонемаҳо талаб дорад, душвортарин меъёр маҳсуб меёбад. Зеро дар аксари забонҳо, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ таркиби фонематикии калимаҳо ҳанӯз омӯхта нашудааст. Соҳаи фонология дар забоншиносии

тоҷик як соҳаи ҳанӯз наомӯхтае мебошад, ки таҳқиқоти ҷиддиро тақозо дорад. Меъёри дифференсиалӣ (фарқкунанда) доираи хеле маҳдуди истифода шудани калимаҳоро дар навишт, хусусан, тарзи навишти омонимҳо ва омофонҳоро муайян мекунад.

«Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.10.2011 тасдиқ шудааст, дар асоси меъёрҳои фонетикӣ, морфологӣ ва таърихӣ таҳия шуда, асолати забони тоҷикиро таъмин менамояд. Қоидаҳои имлои мазкур дар асоси меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ мушкилоти навиштро дар корбурди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ва густариши он дар умури сиёсию иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва бахшҳои дигари фаъолияти ҳаррӯзаи мамлакат хеле осон гардонид.

Ёдовар бояд шуд, ки дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (соли 2011) тағйиру иловаҳои зиёд ворид гардида буд, аз ҷумла, дар бахши алифбо ҳарфҳо мутобиқ ба меъёри алифбои кириллӣ номгузорӣ шуда, тартиб ва меъёри садонокҳо ва ҳамсадоҳо бар асоси равиши илмӣ ва таърихӣ таҳия гардидаанд. Имлои ҳиссаҳои нутқ пурра бознигарӣ шуда, мақоми муайяни худро касб намудаанд. Аммо мурури вақт нишон дод, ки ҳанӯз ҳам дар қоидаҳои муназзами имлои амалкунанда баъзе ҷузъиёти меъёрҳои муқарраршуда сарфи назар шуда, ҳатто дар баъзе маврид ҳолатҳои духӯра будани қоидаҳо ба назар мерасанд.

Ҳамин камбудиҳо, духӯрагиҳо ва возеҳу равшан набудани бисёр бандҳои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро ба назар гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 4.10.2019 бо намояндагони аҳли зиё, маориф, илм, адаб ва фарҳанги мамлакат баён доштанд, ба мақомоти дахлдор супориш доданд, ки то моҳи январи соли 2020 лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро таҳия намуда, бо ислоҳи камбудиву мушкилоти ҷойдошта ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намоянд.

Ёдовар бояд шуд, ки лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз ҷониби гурӯҳи корӣ, ки аз ҳисоби мутахассисони забоншиноси Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, донишгоҳу донишкадаҳо ва Кумитаи забон таъсис дода шудааст, таҳия гардида, барои мукаммал намудани он фикру андешаҳои дигар мутахассисони забондон ва кафедраҳои тахассусиро интизоранд.

Як масъалаи бисёр мураккаб, ки тайи чанд сол роҳи дурусти истифодаи худро наёфтааст, ин мавриди навишти ҳарфҳои «у» ва «ӯ» мебошад. Дар иртибот ба имлои ҳарфҳои мазкур зикр бояд кард, ки дар бандҳои 2 ва 5-и Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ тарзи истифодаи онҳо оварда шудаанд, аммо, мутаассифона, ба таври дақиқ меъёрҳои навишти онҳо дода нашудаанд. Аз ҷумла, дар банди 2 қайд мешавад, ки «ҳарфҳои а, о, у дар оғоз, байн ва анҷоми калима навишта мешаванд» ва дар ҳамин банд эзоҳе бо матни зер навишта шудааст: «Дар анҷоми калимаҳои решагии зерин бо риояи меъёри таърихӣ у навишта мешавад». Аз назари фонетикӣ ин ду овози алоҳидае мебошанд, ки ҷойи ҷудогонаи тавлиди худро дар дастгоҳи нутқ доранд. Ҳар ду овоз хоси забони тоҷикӣ буда, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ пайдо шудаанд. Овози у дар марҳилаи аввали ташаккули забонамон дар шакли у-и кӯтоҳ (уштур, буз, хушк ва ғ.) ва у-и дароз (дуд, дур, хун ва ғ.) мавҷуд буд.

Овози ӯ (ин фонемаи алоҳида буда, у-и дароз нест!) дар марҳилаи баъдӣ аз дифтонги āu (rāuča – рӯз; rāuta – рӯд, dāuxš – дӯшидан ва ғ.) ба вуҷуд омадааст. Вожаҳое, ки дар охири худ овози у доранд, аз «-ук»-и паҳлавӣ (ориёии миёна) бар асоси таҳаввулоти таърихӣ шакл гирифтаанд (бонук – бону, зонук – зону, тарозук – тарозу, паҳлук – паҳлу ва ғ.). Доир ба ин масъала ҳатто дар байни мутахассисони таърихи забони тоҷикӣ ақидаи ягона мавҷуд нест. Бояд гуфт, ки инҳо масъалаҳои илмӣ буда, дар имло аз назари меъёри таърихӣ ба назар гирифта шудаанд. Вале барои омма фаҳмидани чунин шаклҳо душвор аст. Чунонки Фердинанд де Соссюр гуфтааст: «Барои гӯяндагони забон танҳо як пешомад мавҷуд аст – ин истифодаи имрӯзаи забон, онҳо аз таърихи он чизе намедонанд ва дар бораиояндаи он чизе фикр намекунанд». Аз ин рӯ, қоидаҳои имло, ки барои хосу ом аст, бояд сода ва фаҳмо бошанд. Ин нуктаро Пешвои муаззами миллат низ дар суханронии худ зикр намудаанд.

Иддае аз забоншиносон бар он ақидаанд, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ, чӣ гунае ки дар хатти арабиасос навишта мешаванд, дар хатти имрӯзаи тоҷикӣ низ бояд ҳамон тавр навишта

шаванд. Яъне меъёрҳои навишт ва талаффузи забони арабиро бар забони тоҷикӣ мехоҳанд бор кунанд. Воқеан, барои мардум фарқ кардани калимаҳое, ки дар хатти арабиасос чӣ тавр навишта мешаванд, кори саҳл нест. Ҳатто мутахассисон дар ин масъала оҷизӣ мекашанд. Масалан, фарқи вожаҳои арабӣ, ки дар охири ҳиҷо бо «вов» ва «айн» навишта мешаванд, мисли вуқӯъ, валӯъ, вулӯъ, мавзӯъ, мадфӯъ, мазрӯъ, мақтӯъ, марфӯъ, марҷӯъ, масмӯъ, мамнӯъ, маснӯъ, матбӯъ, маҷмӯъ, рукӯъ, руҷӯъ, сутӯъ, тулӯъ, шурӯъ ва ғ. аз вожаҳое, ки бе «вов» бо «айн» навишта мешаванд, мисли табарруъ, таваққуъ, тавозуъ, тазарруъ, таматтуъ, танозуъ, тасаннуъ, таҷаммуъ, ташайюъ ё калимаҳое, ки бо «вов» ва «ҳо» дар охири ҳиҷо мисли андӯҳ, бистӯҳ, вузӯҳ, гурӯҳ, курӯҳ, макрӯҳ, мамдӯҳ, мамсӯҳ, манкӯҳа, мафтӯҳ, маҷрӯҳ, машрӯҳ, сутӯҳ, шукӯҳ, шикӯҳ, вуҷӯҳ, сабӯҳ, сунӯҳ ва бе «вов» ва «ҳо» таваҷҷуҳ ва сунуҳ (ба маънои «зани писар») ва ғайраро танҳо, агар мутахассисон бо фаҳмидани қолабҳои онҳо (дар хатти арабӣ бо номҳои «вов»-и маъруф ва «вов»-и маҷҳул) дарк нанамоянд, барои мардуми ғайримутахассис ин мушкилоти якумра мебошад.

Аз ин рӯ, хуб мешавад, ки ин гуна калимаҳоро дар як қолаби ягона ё бо ҳарфи «ӯ» ё бо ҳарфи «у» нависем. Мушкилоти дигар дар фарқи калимаҳои арабӣ аз тоҷикӣ мебошад. Мисли: гуҳар, куҳан, куҳна, нуҳ, уҳу-уҳу, Суҳроб; ё кӯҳ, кӯҳон, кӯҳл, сӯҳон, ӯҳ(?). Дар ин калимаҳо такя бар маъёри таърихӣ мешавад, ки ин ҳам танҳо барои мутахассис фаҳмо аст.

Муҳим он бояд бошад, ки калимаҳои иқтибосиро ба табиати забони миллӣ мувофиқ намоем, на ин ки забонамонро тобеи навишту талаффузи калимаҳои иқтибосӣ созем. Қонуни табиати забон низ ҳаминро талаб мекунад. Аз як таҳлили оморие, ки гузаронидем, миқдори калимаҳое, ки бо ҳамнишинии ҳарфҳои «вов»-ҳои маъруфу маҷҳул ва «айн»-у «ҳо» анҷом меёбанд, тахминан чунин мебошад:

| **уъ** (дар аввали ҳиҷо), яъне бе «вов» (маҷҳул) | **уъ** (дар охири ҳиҷо), яъне бе «вов» (маҷҳул) | **ӯъ** (дар аввали ҳиҷо), яъне бо «вов» | **ӯъ** (дар охири ҳиҷо), | **уҳ** (дар аввали ҳиҷо), яъне бе «вов» (маҷҳул) | **уҳ** (дар охири ҳиҷо), яъне бе «вов» (маҷҳул) | **ӯҳ** (дар аввали ҳиҷо), яъне бо «вов» (маъруф) | **ӯҳ** (дар охири ҳиҷо), яъне бо «вов» (маъруф) | **у** (дар охири калима дар асоси меъёри таърихӣ) бо «вов» | **ӯ**(й), яъне бо «вов» (маъруф) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 20 | 9 | 4 | 24 | 93 | 2 | 6 | 22 | 78 | 16 |

Зикр бояд кард, ки калимаҳо дар асоси «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» бо ислоҳи ғалатҳо шумурда шуда, танҳо решаи калимаҳо ба назар гирифта шудаанд. Ҷадвали овардашуда, баръало нишон медиҳад, ки кадом намуди калимаҳо афзалият доранд. Ҳамчунин мавриди ёдоварист, ки бо «вов»-и маъруф навишта шудани калимаҳо дар хатти арабиасос ин маънои онро надорад, ки ин гуна калимаҳо ҳатман бояд дар хатти имрӯзаи тоҷикӣ бо ҳарфи «ӯ» навишта шаванд: суруд, дуруд, хун, дуд, суд, мубад, дур, ду, ту, фартут, фармудан, фарсуда ва ғ. Ҳамаи мисолҳои овардашуда асоси илмии худро доранд, аммо ҳам хусусияти хатти арабиасос ва қоидаҳои навишти калимаҳои иқтибосӣ ва ҳам меъёри таърихии забони тоҷикиро дар як қоидаи имло ғунҷонидан моро ба сӯйи духӯрагиҳо ва пайдо шудани мушкилиҳо дар имло мебарад. Аз ин рӯ, меъёри ягона бояд танҳо хусусияти миллии забонро ифода кунад.

Масъалаи дигаре, ки бисёр баҳсталаб аст, ин бо ҳарфи калон навиштани исмҳо мебошад. Аз ҷумла, дар зербанди 2-юми банди 20-уми «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» оварда шудааст: «Номи мақомоти олии давлатӣ, мансабҳои олӣ ва рамзҳои давлатӣ» бо ҳарфи калон навишта мешавад. Дар ин банд ду ифодаи нофаҳмо барои мардум аст- яке, мақомоти олӣ кадомҳоянд?, дувум, мансабҳои олӣ кадомҳоянд? Тибқи қонунгузории Тоҷикистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст. Дар Феҳристи тасдиқшуда мафҳуми «мансабҳои олӣ» вуҷуд надорад. Дар он мансабҳои давлатӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: 1) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва 2) мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ки дар навбати худ ба а) мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва б) мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ҷудо мешаванд. Кадоме аз онҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд, бояд дар қоидаҳои имло аниқ муайян бошанд.

Ҳамчунин баҳси навишти калимаҳои иқтибосӣ, хусусан аз забони русӣ, ки бо «а» талаффуз мешаванд ва бо «о» навишта мешаванд, мушкилиро дар имло ба бор овардааст. Чунончи, компютер – кампютер; конференсия – канференсия; дотсент – датсент; Москва – Масква; Новосибирск – Навасибирск ва ғ. Доир ба навишти ин гуна калимаҳо дар имло қоидае вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, ғалатҳои дигари ҷузъие низ дар имло ба назар мерасанд, ки онҳо, албатта, аз назари гурӯҳи корӣ дур нахоҳанд монд. Имрӯз ҳамаи мардум таҳияи як имлои мукаммалу устувор ва фаҳмою осонро интизоранд, то дар навишт ба иштибоҳ набараду назарҳои гуногун ба вуҷуд наоварад. Имло бояд миллӣ ва моли забони адабӣ бошад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 4

Баҳои миёна: 3.5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- АМИТ «Ховар» [3]
- Забони тоҷикӣ [4]
- Мақолаҳо [5]

---

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/muovini-raisi-kumitai-zabon-va-istilokhot-saodatsho-matrobiyon-imlo-boyad-milli-va-moli

**Пайвандҳо**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Saodatsho_0.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D0%BC%D0%B8%D1%82-%C2%AB%D1%85%D0%BE%D0%B2%D0%B0%D1%80%C2%BB [4] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D3%A3 [5] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE